**Тақризи**

**ба рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Фразеология яке аз бахшҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, қайдҳои нахустин роҷеъ ба масъалаҳои ҷудогонаи фразеологияи забони тоҷикӣ ва корбурди воҳидҳои фразеологӣ ба қалами Абдулғанӣ Мирзоев таалluқ доранд. Дар як силсила мақолаву асарҳои профессор Д.Т. Тоҷиев масъалаҳои луғат ва наҳви забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқкарор гирифтаанд. Мавсуф дар таркибиибораҳои рехта зиёд истеъмол гардидани калимаҳои алоҳидаи қадимаи тоҷикӣ ва лексикализатсия шудани ибораҳоро низ дар таълифоташ шарху тавзеҳ додааст. Солҳои 50-уми садаи гузашта забоншинос Н. Маъсумӣ дар асари худ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» дараҷаи корбурд ва вижагиҳои махсуси воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро таҳқиқ намуда, гурӯҳҳо ва ҷойгоҳи услубии онҳоро дар таркиби асари бадеӣ муайян намуд.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ҷой доранд, комилан мувофиқат мекунанд.

Мубрамии мавзуи пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки забонҳои тоҷикиву англисӣ фарогири воҳидҳои зиёди фразеологии феълӣ буда, тарзу шеваи таҳқиқи онҳо то андозае тафовут дорад.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф ҳар як воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракатро аз лиҳози сохтор ва маъно таҳлилу баррасӣ намудааст.

Рисолаи номзадии Мирзоев Эраҷ Музаффарович «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 10 фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

Бояд ишора намуд, ки камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ бараторф хоҳанд шуд.

Дар умум, диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
Ба номи академик М.С. Осимӣ Камолова Гулрухсор Рустамовна

Имзои Камолова Г.Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

«_3_» «_06_» 2024 с.